# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи **«Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Носиров Саъдулло Шукулоевич дар кори таҳқиқотии худ масъалаи назариявию дидактикии ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоиро дар заминаи фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст.

Диссертант қайд менамояд, ки имрӯз проблемаи муҳим дар татбиқи ғояҳо оид ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад, ки бо сабабҳои гуногун дар сатҳи зарурӣ ҳалли пурраи худро наёфтаанд.

Сабаби инро диссертант дар нарасидани омӯзгорони дорои касбияти баланд, сатҳи пасти донишҳои педагогию психологӣ ва дидактикии онҳо; дастрасии пурра надоштани омӯзгорон ба дастурҳои методӣ оид ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон; ноустувории барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дар онҳо ҷой доштани омӯзиши нокифояи хусусиятҳои азхудкунии мафҳуму қонунҳои илмӣ, мавҷуд набудани дастуру раҳнамо ва барномаҳои махсуси омӯзиши мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ; маҳорати пасти касбии омӯзгорони фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ оид ба рушди тамоюлҳои имконпазири воқеии таълимии хонандагон; омода набудани омӯзгорон ба ташхиси шахсияти хонандагон дар татбиқи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии онҳо ва ғайра тавзеҳ додааст.

Ҳамчунин, дар асоси таҳлили адабиёти илмию педагогӣ ва марбути таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор ихтилофҳоро дар раванди воқеии таълим ошкор сохтааст, ба монанди:

– миёни раванди таълим роҷеъ ба таъмини татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ ва фаъолияти камсамари омӯзгорону хонандагон;

– миёни эътирофи муҳиммияти ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон ва мушкилоти татбиқи он дар низоми таҳсилоти муосир;

– миёни шавқу рағбати хонандагон ба омӯзишу худинкишофдиҳии зеҳн ва ҷавобгӯи талабот набудани шароити ташкили таъмини босамари ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ ҳамчун омили муҳимми баланд бардоштани сатҳу сифати раванди таълим;

– миёни талаботи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ ва мавҷуд набудани дастурҳои илмию методии истифодаи методика ва роҳу воситаҳои татбиқи он.

Диссертант низ бо назардошти сабабҳои коркарди нокифояи проблемаи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон, махсусан дар шароити имрӯза, ки як қисми он дар ихтилофҳои ошкоргардида баён шуданд, мавзуи таҳқиқотии мазкурро интихоб намудааст. Гуфта шудааст, ки то ҳол ин мавзуъ мавриди таҳқиқи алоҳидаю ҳамаҷонибаи педагогӣ қарор нагирифтааст.

Масъалаи марказӣ дар диссертатсия ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои хатмкунанда маҳсуб меёбад, ки асоси онро ҷамъбаст, амиқию фарохӣ, мураттабии донишҳо ва бошуурона азхудкунию татбиқи амалии онҳо ташкил медиҳад. Хонандагон маҷмуи донишҳо ва маҳорату малакаҳои заруриро ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимӣ дар тамоми давраи таҳсил ва дигар манбаъҳои илмию маърифатӣ ба даст меоранд. Маҳз инро муҳаққиқ ба назар гирифта, дар се марҳила – ҷустуҷӯӣ, муқарраркунанда ва озмоиши ташаккулдиҳанда корро ба анҷом расонида, муваффақ шудааст.

Дар ин муддат дар асоси муайян сохтани проблемаи таҳқиқот унсурҳои таркибии он – мақсаду вазифаҳо ва фарзияи таҳқиқот оид ба ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон, омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмию методӣ, педагогию психологӣ ва дидактикӣ барномаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ таҳия карда шудаанд.

Баъдан, корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ доир намуда, дараҷаи азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон, сатҳи касбияти омӯзгорон, маърифати педагогии онҳо ва ташкили раванди таълим муайян карда шудааст.

Дар охир, маводи назариявӣ ва таҳқиқотии озмоиш ҷамъбаст ва натиҷаҳои аз он бадастомада ба низом дароварда шуданд. Натиҷагирию хулосаҳо асоснок ва мавод дар шакли диссертатсия ба тартиб дароварда шуда, амсила ва тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон оид ба татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон манзур гардидаанд.

Ин шаҳодати он аст, ки Носиров С.Ш. ба таҳқиқот, тартиби кори он, алоқамандии марҳилаҳо ва дигар талаботе, ки барои омӯзиши илмӣ муқаррар шудаанд, муносибати ҷидӣ нишон дода, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро бо муқаддима, чор боб, хулосаҳо, ҷадвалу диаграмма, расм ва номгӯйи адабиёт таъмин намудааст.

Автореферат мувофиқи маводи мавҷуда таҳия ва дар он мавзуъ ва объект равшан муайян шудааст. Мақсад ва вазифаҳо муқаррар ва тибқи он ҳамаи бобҳо бо маводи зарурӣ таъмин ва диссертатсия ба пуррагӣ таълиф шудааст.

Таҳлили маводҳои автореферат нишон медиҳад, ки озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда фарзияи таҳқиқотро мантиқан равшантар собит сохта, барои иҷрои мақсадҳои дар пешгузошта имконият фароҳам оварданд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи илмии Носиров С.Ш. ҳамчун таҳқиқоти мустақил бо мазмуну муҳтаво ва натиҷаҳои нави илмӣ барои ҳалли проблемаҳои назарӣ ва амалии педагогикаи муосир аҳамияти калон дорад.

Умуман, диссертант вазифаҳои дар назди худ гузоштаро иҷро намуда, дар доираи он хулосаҳои асосноку боэътимод баровараа, мундариҷаю сохтори кори илмиро дуруст таълиф намудааст, ки ин қобилияти баёни услуби илмӣ доштани муаллифро нишон медиҳад.

Аз мутолиа ва таҳлили автореферат бармеояд, ки дар диссертатсия проблемаҳои актуалӣ баррасӣ шуда, аҳаммияти он дар шароити имрӯзаи алалхусус, соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелҳои илмӣ асоснок нишон дода шудааст.

Хулоса, автореферат бо навгонию мубрамӣ ва аҳамияти илмию амалӣ мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос намуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Носиров Саъдулло Шукулоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Тақриздиҳанда:** **Қӯлдошев Рустамбек Авезмуродович**

доктори илмҳои педагогӣ, профессори донишгоҳи давлатии педагогии Бухоро

XODIMLAR BO'LIMI

IMZONI TASDIQLAYMAN

Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
Шаҳри Бухоро, кӯчаи Пиридастгир, 2
Тел.: (+998) 65 226-10-97
Суроғаи электронӣ: quldoshevrustambek@buxdpi.uz
Телефонҳо барои тамос:
(+998) 93 964-41-44